# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 10 ноябри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Роҳбари илмӣ: – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Золотухин Алексей Валеревич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент; Ҳошимзода Даврон Додоҷон – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда:, академик, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмудзода М.А., профессорон Ғаюров Ш.К., Диноршоҳ А.М., Муртазозода Ҷ.С., Тағойназаров Ш.Т. - ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-002 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

**1.** Диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**2.** Интишороти унвонҷӯй пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**3.** Ба Саидзода Муҳаббат Шералӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**4.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Саидзода Муҳаббат Шералиро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Диноршоҳ А.М.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**